# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020100 – фалсафа (6D 020102 – Таърихи фалсафа)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисоси илмие, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102-Таърихи фалсафа) омода гардидааст ва ба талаботи шиносномаи тахассус мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Пеш аз ҳама зикр намудан лозим аст, ки таҳлили муқоисавии таълимот ва назарияҳои мутафаккирону андешамандони фарҳангҳои мухталиф, ки дар марҳила ва шароитҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ва инчунин фарҳангӣ зиндагию эҷод намудаанд, як кори мушкил ва заҳматталаб мебошад. Ин кор аз муҳаққиқ дониши фаррох, маълумоти васеъ дар атрофи мавзуъ ва ҷуръати илмӣ талаб менамояд, ки гувоҳӣ аз зарфияту ҷуръати муалифи рисолаи мазкурро медиҳад. Муаллиф Қ.Каримов дар муқаддимаи рисолааш масъалаҳои тарбия, таълим, маориф, рушди ҷамъият ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор дода, чунин хулоса мекунад, ки маърифатнокии ҷомеа пеш аз ҳама мувофиқи талаботи замон тарбия намудан ва соҳибилм шудани шаҳрвандони он мебошад.

Замони муосир замони дастовардҳои бузурги илмиву техникӣ ва бозёфтҳои нав ба нави инсоният ба шумор рафта, роҳ ёфтану муваффақ шудан ба онҳо аз мактабу маориф ва низоми дурусти раванди таълим вобастагии амиқ дорад. Бинобар ин, истифодаи самаранок ва ақлонии хазинаи ғанӣ, арзишҳои моддию маънавии гаронбаҳои аз таърихи гузаштаи халқу миллатҳо меросмонда, яке аз манбаҳои асосии ба майдони пешрафти илму техника ворид шудани инсоният ба ҳисоб меравад. Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои қарни XX, давраи ташаккули фалсафаи маорифпарварӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқу омӯзиш ва барои рушди ҷомеаи имрӯза истифода бурдани ғояву пешниҳодҳои барномаи ислоҳоти иҷтимоии ҷараёни номбурда зарур ва муҳим мебошад.

Дар қисмати муқаддимавии кори худ, яъне дар дараҷаи омӯзиши мавзуъ муаллиф тавонистааст муҳимтарин таҳқиқотро роҷеъ ба осору афкори

мутафаккироне чун Ж.Ж. Руссо ва А. Донишро бо тамоми дастовардҳояшон тавзеҳ диҳад. Назар ба қавли диссертант оид ба шинохт ва муаррифии афкори педагогии Ж.Ж. Руссо олимони варзида: И.Каримова ва С.Сулаймонӣ дар мақолаҳои таҳқиқотиашон, тамоюлгирии афкори педагогии маорифпарварро мушаххас кардаанд.

Дар ин қисмат диссертант аз таҳқиқоти донишмандони шинохта З. Раҷабов, Ш. Абдуллоев, Б. Самиев ва дигарон ёд карда, назару андешаи онҳоро мавриди баррасӣ ва таҳлили муқоисавӣ қарор додааст. Ҳамзамон паҳлуҳо ва нукоти ноомӯхтаи осори мутафаккирони номбурдаро зикр кардааст.

Аз назари худи диссертант омӯзиш ва таҳқиқи маводи тавзеҳдодашуда собит менамоянд, ки бо вуҷуди баррасӣ ёфтани бештари ҷанбаҳои таълимоти маорифпарварон, аз ҷумла муайян кардани характери пайдоиши он дар Аврупо ва кишварҳои Шарқ, таҳқиқ кардани паҳлуҳои алоҳидаи афкори маорифпарварон, нишон додани саҳми онҳо дар рушди ҷомеа, бедорӣ ва густариши маънавиёт, масъалаи асоснок кардани чанбаҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунандаи таълимоти маорифпарварӣ дар Аврупо ва Осиёи Миёна, ҳолати баррасӣ ва таҳлил гардидани масъалаҳои меҳварии ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз ҷониби Ж.Ж. Руссо ва Аҳмади Дониш, ки муаррификунандаи арзишҳои фарҳангии ду муҳити аз ҳам тафовутдошта мебошанд, таҳқиқоти ҷудогонае рӯйи нашр наомадааст, ки ин масъулиятро муаллифи диссертатсия ба уҳдаи худ гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

- дар Фаронса ва Осиёи Миёна пайдоиши маорифпарварӣ дар доираи нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунадаи он таҳқиқ карда шуданд;
- шарҳи ҳол ва мазмуну моҳияти осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ба таври мухтасар мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтанд;
- сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар чорчӯбаи маъхазҳои таърихӣ-илмӣ асоснок карда шуданд;
- вазъи баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар доираи асарҳои бунёдии онҳо мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтанд;
- моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз назарияи тарбияи Аҳмади Дониш илман таҳқиқ ва нишон дода шуданд;

- таъсири ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода шуданд.

Диссертант дар муқаддима ишора намудааст, ки натоиҷ ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи кори диссертатсиониро метавон минбаъд барои иҷрои тадқиқоти илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ, таълиму тарбия ва фарҳангшиносӣ ва ғайра истифода кард.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии тадкиқот.** Диссертант дар раванди таҳқиқоти худ аз усулҳои таҳлили мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ ва муқоисавӣ, мушоҳида, санҷиш, таҳлил ва таркиб, индуксия ва дедуксия, коркарди мавод, герменевтика ва аксиологияро мавриди истифода қарор додааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва адабиёт иборат аст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** - таҳқиқ кардани сарчашмаҳои асосии пайдоиши равияи маорифпарварӣ дар Фаронсаю Осиёи Миёна ва нишон додани ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқкунандаи ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш мебошад.

Ҷиҳати амалӣ кардани ин мақсад диссертант ҳалли чунин вазифаҳоро муҳим шуморидааст:

- муайян кардани сарчашмаҳои асосии пайдоиши маорифпарварӣ дар Франсия ва Осиёи Миёна ва нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва фарқкунадаи он;

- тавсифи мухтасари шарҳи ҳол ва тавзеҳ додани мазмун ва моҳияти осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш;

- асоснок кардани сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш;

- нишон додани вазъи баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш;

- таҳқиқ кардани моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз назарияи тарбияи Аҳмади Дониш;

- нишон додани таъсири ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина.

**Дар боби аввали диссертатсия** "Нақши Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар пайдоиш ва ташаккули равияи маорифпарварӣ" диссертант заминаҳои муайяни таърихии ба вуҷуд омадани равияю мактабҳои Маорифпарвариро нишон додааст. Мактабҳои фалсафии давраи Маорифпарварии аврупоиро диссертант аслан идомаи мантиқии

ҳаракатҳои дар давраи Эҳё бавуҷудомада дониста, онҳоро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст.

**Дар зербоби аввали боби мазкур** “Пайдоиши Маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Марказӣ: умумият ва фарқият” – диссертант қайд менамояд, ки масъалаи растагорӣ, раҳоӣ ва наҷот дар афкори иҷтимоии мутафаккирони тоҷику аврупоиро ба инобат гирифта, метавонем бигӯем, ки маорифпарварони фаронсавӣ, аз ҷумла Ж.Ж. Руссо аз ақидаҳои ақлгаройии Ибни Сино набояд бебахра монда бошад. Вале диссертант ба баррасии ҳамаҷонибаи ин масъала напардохта, ба баррасии бевоситаи масъалаҳои маорифпарварӣ ва ду намояндаи машҳури он: Ж.Ж. Руссо ва А. Дониш бармегардад ва таълимоти онҳоро дар ҳар бобат мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор медиҳад.

**Дар зербоби дуюм** “Мухтасари шарҳи ҳол ва таснифи осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш” диссертант қайд кардааст, ки Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар тули умри худ дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла ба сифати муншӣ дар сафоратхонаҳо фаъолият кардаанд. Аммо нодонию дар ҷаҳолат мондани сафирон, сатҳи пасти дониши сиёсии онҳо ва надонистани одоби муошират боис гаштааст, ки дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои байнидавлатӣ ба ҷойи сафирон худи онҳо масъулиятро ба уҳда бигиранд.

**Зербоби сеюм** “Сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш” ном дошта, дар он, ақидаҳои маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш, ба назари диссертант, худ ба худ ташаккул наёфтаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи осори арзишманд, масъалагузорӣ ва тавсияву пешниҳодҳои маорифпарварон ҷиҳати ҳал кардани масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, нишон додани роҳу усулҳои рушду тараққии ҷомеа маълум менамоянд, ки сарчашмаҳои ғоявии ташаккулёбии андешаҳои онҳо гуногун буда, вале ба ҳамдигар шабоҳат доранд.

**Диссертант боби дуюми диссертатсияро** “Тамоюлгирии андешаҳои гуманистии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш: таҳлили муқоисавӣ” ном гузоштааст, ки аз се зербоб иборат аст.

**Дар зербоби аввали боби дуюм** “Баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш” масъалаҳои марбут ба офариниш, ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, хусусан пайдоиши ҷомеа, шаклҳои идоракунии давлат, интиқоди арзишҳои тамаддунӣ, низоми таълиму тарбия, шинохти инсон ва тавассути он ҳимоя кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Диисертант дар ин зербоб тавонистааст, ки назару андешаҳои ҳам Ж.Ж. Руссо ва ҳам А.

Донишро дар хусуси инсон, характери инсон, тарбияи он ва муносибати инсон бо ҷомеаро бо мисолҳои мушаххас нишон диҳад.

**Диссертант зербоби дуюмро ба таҳлили** “Моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз назарияи тарбияи Аҳмади Дониш” бахшидааст. Ба навиштаи диссертант бо сабаби мушкилоти хонаводагӣ Жан Жак Руссо аз давраи кудакӣ таълими системанок нагирифтааст. Аммо бо роҳнамоии падар аз давраи наврасӣ ба мутолиаи осори фалсафию адабӣ шурӯъ намудан, ба кишварҳои гуногуни Аврупо мунтазам сафар кардан, хизмат намудан дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ ва касбҳои мухталиф ҷиҳати пайдо кардани даромад, шиносоӣ бо рӯшанфикрони француз ва ширкат варзидан дар озмуну баҳсҳои илмӣ ӯро ба яке аз чеҳраҳои рӯшанбини француз табдил дода, идеяҳояш аз ҷиҳати ғоявӣ заминаҳои инқилоби асри XVIII-и Фаронсаро ба вуҷуд овარданд.

**Дар зербоби сеюми боби дуюм** “Таъсири ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина” ба таъсири ақидаҳои мутафаккирони номбурда пардохтааст. Ба назари диссертант мутафаккироне чун Руссо ва Дониш бо он ҳама осори илмии фарох, тарзи фикррониии пешрафта ва барои замони худ ғайримуқаррарӣ, зиракиюояндабинии дақиқ наметавонистанд ба мафкураи олимону донишмандони минбаъда таъсиргузор набошанд.

**Дар хулосаи боби мазкур** натиҷагирӣ карда шудааст, ки дар таърихи афкори фалсафию фарҳангии ҷомеаи инсонӣ аз оғози асри XVII то охири асри XIX-ро марҳилаи рушди маорифпарварӣ муаррифӣ менамоянд.

Рисола аз нигоҳи илмӣ пурмуҳтаво ва андешаҳои муаллиф мантиқан дуруст баён гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд. Ҷараёни Маорифпарварӣ барои маърифатнокшавӣ ва худогоҳии мардум такони ҷиддӣ бахшидааст.

Дар хотима хулосаҳои асосии тадқиқот, ҷамъбастҳои умумӣ оварда шуда, тавсияҳо аз рӯи моҳияти масъалаи мавриди пажуҳиш қарорёфта ба миён гузошта шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102-Таърихи фалсафа) таҳқиқоти мустақилона бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба

талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1.) Муаллифи рисола дар кори илмии худ ташаккулёбии ҷаҳонбинии маорифпарваронро бештар аз ҷиҳати таърихӣ ва маънавию динӣ, ки воқеан дар кишварҳои Осиёи Миёна муассир буд, мавриди омӯзиш қарор дода, ба омилҳои сиёсию геополитикӣ ва масоили давлатсозиву давлатдорӣ, ки дар Аврупо ва Осиёи Миёна куллан аз ҳам фарқ мекарданд, камтар таваҷҷуҳ кардааст;

2.) Диссертант дар зербоби дуи боби ду мақом ва нақши зан ва мардро дар дар оила дар андешаҳои А.Дониш мавриди баррасӣ қарор додаву хулосаҳои хубу арзишмандро пешниҳод карда бошад ҳам, таҳаввулоти фикрии маорифпарварро дар мавриди ҳаққу ҳуқуқи занон дар ҷомеаи исломӣ ба таври лозима накушодааст. Зеро назариёти охирини А.Дониш дар мавриди ҳуқуқҳо ва ҷойгоҳи зан дар ҷомеа аз назару андешаҳои аввалаи худи мутафаккир фарқ дошта, аз таълимоти анъанавии исломӣ низ фосила гирифтаанд.

3.) Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102-Таърихи фалсафа) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102-Таърихи фалсафа) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Муаллими кафедраи фалсафаи назди
Раёсати Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа Мирзоев Ғ.Ҷ.

Адрес: ш. Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ 33, АМИТ.
E-mail: Gaffor-1964@mail.ru
Тел.: +992 93 505 66 56
+922 372 21 58 16

Имзои муаллими кафедраи
фалсафаи назди Раёсати АМИТ,
д.и.ф. Мирзоев Ғ.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:

Мудири Шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси АМИТ Акрамзода Т.

**Суроғаи муассиса**: ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 33, АМИТ.
Индекс: 734025
Тел.: (+992-37) *221-58-16*
E-mail: info @ anrt.tj
02. 06 соли 2025.